«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Файзулло М.Қ.
«__19__» ____________ соли 2022

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)” барои ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Давраи истиқлолият ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳқиқи илмии масъалаҳои гуногуни мактабу маориф аз диди нав назар намоем ва аз гузаштаву имрӯзаи он барои ояндагон сабақҳои таърихӣ бардорем, зеро таърих бозгӯи воқеият буда, дар ҳама давру замон сабақомӯзи ояндагон ба шумор меравад. Махсусан, таърихи охири асри XX - ибтидои асри XXI барои омӯзишу пажӯҳиши илмӣ ниёз дорад.

Ҳадаф аз тадқиқоти диссертатсионии Сафазода Ғ.Ғ. таҳлили ҷанбаҳои минтақавии рушди мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоб дар поёни садаи бист ва ибтидои асри бистуяк, яъне дар як давраи бисёр ҳассосу тақдирсоз барои кишвар, равшан намудани хусусиятҳои сиёсати давлатӣ ва вижагиҳои даврони гузариш дар ин соҳа ба шумор меравад, ки воқеан яке аз масъалаҳои рӯзмарраи таърихи маорифи кишвар маҳсуб мегардад.

Аз ин нигоҳ, диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)” маҳз ба ҳамин масъалаи мубрами илмӣ бахшида шудааст, ки қобили дастгирӣ аст.

Мавзӯе, ки дар диссертатсия мавриди пашӯҳиш қарор гирифтааст, бешубҳа мубрам буда, барои таърихи ватании муосири тоҷик аз аҳамияти махсуси илмӣ-назаривӣ ва амалӣ бархурдор аст. Дар илми таърихи навини тоҷик таърихи мактабу маориф аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки воқеан пояи дилхоҳ давлат бе омаориф устувор буда наметавонад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби иборат аз шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт, ки фарогири 182 маъхаз иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгӯ аст.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсияи худ се масъалаи мубраму мантиқан пайвасти системаи маорифро бо номҳои “Мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ”, “Даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маориф” ва “Пойгоҳи моддию таълимии мактабҳои минтақа” комилан дуруст таҳлил карда, хулосаҳои заруриро барои рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ҷумла муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар давраи мавриди баррасӣ, ба мисли тағйирёбии воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии минтақаи Кӯлоб, низоми мактабу маориф низ дар асари дигаргуниҳои замона пайваста дар такомулу тағйирёбӣ буд. Ҳуқуқи дастрасии шаҳрвандон ба таҳсилоти ройгон дар даврони шӯравӣ тавассути Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон кафолат дода мешуд. Масъалаи мактабу маориф ва рушду нумӯи минбаъдаи он дар анҷуманҳои ҳизби коммунистӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи давлат қарор дошт.

Сабаби халалдоргардии раванди якнавохту бомароми фаъолияти низоми мактабу маорифро дар охири солҳои 80-уми асри XX муаллиф бо даргириҳои

сиёсии солҳои 90-ум, масъалаи бавуҷудоии созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун дар заминаи манфиатҳои умумии маҳаллаву минтақаҳо фалаҷ гардидани аркони давлатдорӣ вобаста медонад, ки комилан дуруст аст.

Боби дуюми диссертатсия “Рушди маорифи минтақа дар ибтидои асри XXI» ном дошта, низ аз се параграф иборат аст. Дар ин боб муаллиф вазъияти аввалини рӯзҳои ташаккули истиқлолияти миллӣ ва давлатдории навин ҳукумати мамлакат ва нақши онро ба инкишофи мактабу маориф ва иқтидори зеҳнии шаҳрвандон, бахусус, насли наврас мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла дуруст қайд менамояд, ки дар ибтидои ҳазораи сеюм Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари озоди дорои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бо риояи принсипҳои волоияти қонун ва низоми мардумсолорӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шомил гардида, дар як муддати кӯтоҳ ба узви комилҳуқуқи он табдил ёфта, дар ростои бунёди як давлати иҷтимоӣ, ба ташаккули низоми мактабу маорифи худӣ оғоз кард.

Дар ин боб ҳамчунин масъалаҳои низоми маорифи минтақаи Кӯлоб дар самти такмили шаклу усулҳои таълим, беҳтарсозии сифати таълиму тарбия, ҷалби талабагон бо таҳсил, тайёрии пурраи омӯзгорон ба дарсҳо, таъмини мактабҳои минтақа бо таҷҳизоту бисоти зарурӣ, беҳтарсозии ҳолати таъмири мактабҳо, ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон ва мураббиён, ҷоннок кардани фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ, компютеркунонии раванди таълим, тақвияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, забонҳои русӣ ва англисӣ, тайёр намудани хонандагон ба озмунҳои мухталифи фаннӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар параграфи сеюми боби дуюм муаллифи диссертатсия рафти таҳсили хонандагонро дар бастҳо бо шумораи фарогирии онҳо дар тамоми 53 муассисаи таълимии шаҳри Кӯлоб таҳлил кардааст. Ӯ ҳамчунин чунин методи таҳлилро дар ҳамаи ноҳияҳои минтақа (Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Шамсиддини Шоҳин, Мӯъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Данғара ва

Темурмалик) бо факту рақамҳо дақиқ таҳлил кардааст, ки далели муносибати ҷиддӣ ба мавзӯи тадқиқотӣ ва дониши фарохи ӯст.

Дигар ҷиҳати ҷолиби тадқиқоти комилан ба анҷомрасонидаи Сафарзода Ғ.Ғ. ин тартибу танзим ва таҳлилу баррасии арифметикии кори диссертатсиониаш дар 6 (шаш) замима мебошад, ки гуфтан мумкин аст, замимаҳои рисола ҳамчун як маълумоти нодири статистӣ дар сафҳаҳои таърихи маорифи тоҷик камназир аст.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро комилан иҷро кардааст ва як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Ба назари мо, чунин таҳлили ҷолиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо қиёс бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ волоияти кори муаллифро боз ҳам волотар мегардонид.
2. Таҳлили муқоисавии шакли таҳсил, ба истилоҳ таҳсили анъанавӣ бо таҳсили низоми кредитӣ арзиши корро боз ҳам беҳтар мекард.
3. Дар диссертатсия хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ аҳёнан ба чашм мерасанд.

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти таҳририю тавсиявӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 7 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, ки тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – таърихи ватанӣ мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кушоди кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултаи таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон протокол №5 аз 16 декабри соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Ҳамагӣ – 20

Иштирок карданд - 20

Тарафдор - 20

Зид - 0

Бетараф - 0

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании ДСРТ, номзади илмҳои таърих, дотсент** **Раҳматова Заррина Юнусовна**

**Ташхисгар, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва ватании ДСРТ, номзади илмҳои таърих, дотсент** **Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич**

**Котиби ҷаласа** **Маҳкамова Саёҳат Ғаниевна**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДСРТ** **Раҳимов А. А.**

**Маълумот барои тамос:**
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
«19» декабри соли 2022